# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи «Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод шудааст.**

Ташаккули ҳар як забон бо таърихи пайдоиш ва барқароршавии таркиби луғавии он бастагии сахт дорад, зеро фонди луғавии забон зербино ва пойбасти онро ташкил дода, бунёдҳои асосии ҳар як ҷомеа чун сиёсат, одобу русум, пешаҳо, машғулиятҳо ва абзору воситаҳои зиндагонӣ, ҳамеша мавриди дигаргунӣ ва таҳаввулот қарор гирифта, забон низ дар зери таъсири онҳо ба дигаргуниҳо ва тағйирот дучор мегардад.

Ба ин муносибат, интихоб ва таҳқиқи мавзуи «Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Ҳоқонии Шервонӣ)» аз ҷониби рисоланавис Шафоати Сангиҳмад як ташаббуси саривақтӣ ва арзишманд мебошад, зеро омӯзиши таснифоти гурӯҳҳои маъноии осори Ҳоқонӣ чун падидаи нав дар забоншиносии тоҷик на танҳо аҳамияти илмӣ, балки аҳамияти бузурги амалӣ низ дорад.

Автореферати диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад аз муқаддима, се боб, хулоса, руйхати адабиёт иборат аст. Бобҳо дар навбати худ ба фаслҳо ҷудо мешаванд. Дар муқаддима роҷеъ ба аҳаммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳо, навгонии мавзуи таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва сохтори диссертатсия дар қолаби хело намунавӣ инъикос гардидааст.

**Боби аввали** диссертатсия зери унвони **«Доир ба маъно ва маъношиносӣ»** ном гирифта, фарогири чаҳор фасл мебошад. Дар боби мазкур ва фаслҳои он доир ба таҳқиқи маъно ҳамчун воҳиди асосии маъношиносӣ ва пайдоиши илми маъношиносӣ, андешаҳои забоншиносони тоҷику хориҷӣ доир ба таърих ва рушди илми маъно, назари забоншиносон оид ба шарҳи маънои луғавии калима, робитаҳои ногусастании доштани маъноҳои забон байни ҳам ва тарзи дурусти истифодаи калимаҳо дар ашъор ҳангоми сохтани таносуби маноӣ мавриди натиҷагирӣ қарор гирифтааст.

**Боби дуюми** диссертатсия зери мавзуи **«Таносуби маъноии воҳидҳои луғавӣ дар намунаи ашъори Хоқонии Шервонӣ»** номгузорӣ шуда, чаҳор фаслро дар бар мегирад ва яке аз бахши умдаву асосии рисоларо ташкил медиҳад. Боби мазкур масъалаҳои таҳқиқи воҳидҳои луғавӣ ва гурӯҳбандии онҳо, сарчашмаи пайдоиши муродифот ва хусусиятҳои умумӣ доштани онҳо, таҳлилу баррасии вижагиҳои луғавии мутазодҳо,

шарҳи маънои омонимҳои пурра ва нопурраи ашъои Хоқонӣ, хусусияти сермаънои вожаҳо ва алоқамандии онҳо ба мазмуну мундариҷаи матн мавриди пажуҳиши хосса қарор гирифтаанд.

**Дар боби сеюми** рисола ба унвони **«Таснифоти мавзуии семантикаи воҳидҳои луғавӣ бар мабнои ашъори Хоқонии Шервонӣ»** роҷеъ ба масъалаҳои таҳлилу таҳқиқи таърихи пайдоиши калимаҳо дар гурӯҳҳои маъноӣ, аз ҷумла: вожаҳои ифодагари хулқу атвори неку бади шахс, ифодаи маънои вақту замон, вожаҳои ифодагари узви бадан, маънои вожаҳои хешовандӣ, вожаҳои ифодагари шуғлу мансаб ва касбу кор, оид ба маънои луғавӣ ва коннотативии номи ҷонварон дар намунаи ашъори Хоқонии Шервонӣ мавриди таҳқиқ ва баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаи кор ба таври хеле муфассал ҷамъбаст шудааст, ки дорои қимати назарраси назариявию амалӣ мебошад. Ҳамчунин, ин диссертатсия баёнгари он аст, ки забон ҳамчун унсури зинда, дар тули таърихи чандҳазорсолаи худ чизе медиҳад ва чизе қабул мекунад, ки дар рисолаи мазкур мавриди таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, аз онҳо натиҷагириҳои мушаххас ба амал омадааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе норасоию камбудиҳо ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо дар оянда боиси беҳтар шудани арзиши илмии рисола хоҳад гашт, аз чумла:

1. Муаллифи диссертатсия дар кори диссертатсионӣ ба масъалаи чанд миқдор омадани вожаҳо дар осори Хоқонӣ иброз надоштааст;
2. Дар рисола якчанд хатоҳои техникӣ, ба монанди: шаклҳои мухталифи нохунак, истифодаи нодурусти вергул, аломати тире вуҷуд дорад.
3. Ҳаҷми матни автореферати диссертатсия 45 саҳифаро ташкил намудааст, аз нигоҳи мо ва мувофиқи талаботи КОА зиёд аст;

Сарфи назар аз ин норасоиҳо, ки мавҷудияти онҳо дар ҳар рисолаи илмӣ ба мушохида мерасад, диссертатсия дар сатҳи олӣ навишта шудааст. Ин камбудию норасоиҳо, арзиши илмии кори диссертатсионии рисоланавис Шафоати Сангиҳмадро коҳиш намедиҳад.

Хулоса, диссертатсияи тақризшаванда дар забоншиносӣ таҷрибаи нахустин буда, аз аҳаммияти бузурги имлию назариявӣ бархурдор аст.

Автореферати диссертатсия бо забони тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи муҳаққиқ ба мазмуну моҳияти диссертатсия ва автореферат мувофиқат мекунанд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи **«Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)»** ба талаботи низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филология,
ходими калони илмии Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Шарифова Гулчаҳон Мирзозарифовна

“10” майи соли 2026

**Суроға:**
734019, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 21
Телефон: (+992 37) 227-29-07
E-mail: iza.rudaki@gmail.com;

**Имзои** Гулчаҳон Шарифоваро
**тасдиқ мекунам:**

Нозири калони кадрҳои Институти забон
ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Давлатов Фирдавс